## 5.1.3 (12 00 03) Частно-правовые (цивилистические) науки
## 5.1.3 Илмҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ (сивилистӣ)
## 5.1.3 Private law (civil law) sciences

***УДК347.1***
***DOI 10.24412/2411-1945-2022-3-12-22***

***ҲИФЗИ ШАЪНУ ШАРАФ ВА ЭЪТИБОРИ ИНСОН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

***Бобохонов Фаридун Аламшоевич,*** *ёвари ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ЗАЩИТА ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ЧЕСТИ И ДОСТОИНСТВА В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И МЕЖДУНАРОДНЫМИ ДОКУМЕНТАМИ***

***Бобохонов Фаридун Аламшоевич,*** *помощник ректора Педагогического института Таджикистана в Раштском районе, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

***PROTECTION OF HUMAN HONOR AND DIGNITY IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND INTERNATIONAL DOCUMENTS***

***Bobokhonov Faridun Alamshoevich****, assistant to the rector of the Pedagogical institute of Tajikistan in the Rasht region, applicant for the department of human rights and comparative law of the law faculty of the Tajik national university (Tajikistan, Dushanbe)* ***EMAIL: farodil_ff@mail.ru***

***Калидвожаҳо****: ҳифзи шараф, ҳуқуқи инсон, шаъну шараф, неъматҳои ғайримоддӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ*

*Масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, ҳамзамон андешаҳои муҳаққиқон асоснок карда шудааст, ки ҳам қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам санадҳои байналмилалӣ ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсонро муқаррар кардаанд. Таҳлил нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои хориҷӣ ба эътирофи шаъну шараф ва эътибори инсон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, вале дар ҳифзи онҳо каме хунукназарона муносибат намудааст.*

***Ключевые слова:*** *защита чести, права человека, достоинство, нематериальные блага, законодательство Республики Таджикистан, международные документы*

*Рассматриваются вопросы защиты человеческого достоинства и чести в соответствии с законодательством Республики Таджикистан и международными актами. В результате анализа национального законодательства и международных документов одновременно обосновывается мнение исследователей о том, что*

*законодательство Республики Таджикистан и международные документы предусматривают защиту человеческого достоинства и чести. Проведенный анализ показал, что Республика Таджикистан по сравнению с зарубежными странами уделяет особое внимание признанию человеческого достоинства и чести, но немного небрежно относится к их защите.*

***Key words:*** *protection of honour, human rights, dignity, intangible benefits, legislation of the Republic of Tajikistan, international documents*

*This article examines the issues of protecting human dignity and honor in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and international acts. As a result of the analysis of national legislation and international documents, the author simultaneously substantiates the opinion of researchers that both the legislation of the Republic of Tajikistan and international documents provide for protection of human dignity and honor. The author's analysis showed that the Republic of Tajikistan, in comparison with foreign countries, pays special attention to the recognition of human dignity and honor, but is a little careless about their protection.*

Масъалаи ҳифзи шаъну шараф, қадру қимат ва эътибори инсон яке аз масъалаҳои пураҳамият ба ҳисоб рафта, сарчашмаи худро ҳанӯз аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мегирад. Дар ин хусус У.А. Азиззода дуруст қайд намудааст, ки ҳар як инсон ба неъматҳои баландарзише чун шаъну шараф ва эътибори шахсӣ ҳуқуқи ҷудонопазир дорад. Аммо кирдорҳое чун тухмат ва таҳқир боиси поймол гардидани онҳо гардида, дар натиҷа ба инсон зарари маънавӣ мерасонанд. Аз ин ҷост, ки ҳуқуқҳои зикршудаи инсон дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва баъдан дар қонунгузории миллӣ мустаҳкам гардидаанд. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва хусусияти фаромиллӣ гирифтани проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон тадриҷан ҳуқуқҳои зикршудаи инсон дар санадҳои байналмилалӣ низ танзими ҳуқуқӣ пайдо намудаанд. Новобаста аз ин, масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахсии инсон аз кирдорҳои зиддиҳуқуқии тухмату таҳқир хусусияти таърихӣ дошта, ҳанӯз садсолаҳо қабл аз ин дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии тоҷикон мавриди танзим ва ҳифз қарор гирифта буданд [14, с. 254-255]. Муҳаққиқ дар ҷои дигар қайд менамояд, ки Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ кирдорҳоеро ба монанди тухмат, таҳқир, фиреб ва дурӯғ ҳамчун ҷиноят ба муқобили озодии шахсият, шаъну шараф ва эътибори инсон шуморидаанд [12, с. 49]. Т.Р. Юсифова низ бисёр бомаврид қайд намудааст, ки масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ аҳамияти худро гум намекунанд, зеро онҳо бевосита ба шахсияти инсон ва эътибори кории ӯ алоқаманд мебошанд. Татбиқи амалии ҷанбаҳои мухталифи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ ба сифатан беҳтар шудани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ба беҳбудии кулли ҷомеа мусоидат мекунад [35, с. 31]. Воқеан ҳам, масъалаи ҳифзи шаъну шарафи ва эътибори инсон имрӯз вазифаи ҳар як давлати демократию ҳуқуқбунёд ва ягона мебошад. Ба андешаи Е.В. Медведев, дар давлати демократии ҳуқуқбунёд ҳифзи шаъну шарафи шахс яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Муқаррароти дахлдор дар ин бора чун қоида дар санадҳои асосии қонунгузории ҳар як кишвар пешбинӣ шудаанд [20, с. 92].

Шаъну шараф маҷмуи сифат ва хусусияти инсон ва арзёбии ботинии он мебошад [32, с. 451]. Шаъну шараф – ин қадру қимати маънавии ботинӣ, мардонагӣ, ростқавлӣ, шарафмандӣ ва виҷдони пок аст [17, с. 599]. Ба андешаи У.А. Азиззода, дар зери мафҳуми шаъну шараф сифатҳои ахлоқӣ ва зеҳние фаҳмида мешаванд, ки худи шахс дар муносибат бо атрофиён онҳоро дарк менамояд [13, с. 54]. Шаъну эътибори шахсро на танҳо бо худбаҳодиҳии субъект, балки бо маҷмӯи сифатҳои объективии инсон, ки обрӯи ӯро дар ҷомеа тавсиф мекунад, муайян мекунанд: оқилӣ ва ақли солим, ҷаҳонбинӣ ва муносибати ахлоқӣ, маълумот ва сатҳи дониш, доштани қобилиятҳо ва малакаҳои барои ҷамъият фоиданок, риояи қоидаҳои умумиэътирофшудаи рафтор ва тарзи ҳаёти шоиста ва ғайра [33,

с. 348]. Ба андешаи Ш.Т. Тағойназаров, шаъну шараф низ худ ба худ ба вуҷуд намеояд. Дорандаи он вазифадор аст, ки барои ҷомеа ва барои худ манфиатовар бошад. Мазмуни ин ҳуқуқҳо аз фаъолияти воқеии ҳаёти ҳар як шахс вобаста аст. Ҳеҷ кас барои додани шаъну шарафаш омода нест [31, с. 212]. Ба ҳар як шахс чунин неъмат, ба монанди шараф, қадр ва эътибори корӣ хос мебошад. Шараф – баҳои ҷамъиятии сифатҳои иҷтимоӣ ва маънавии шахс мебошад. Қадр бошад, ифодаи баҳои мусбии сифатҳои маънавии шахс дар шуури худи ӯст. Баҳои сифатҳои касбии шахс эътибори кории ӯро ташкил медиҳад [23, с. 29]. Масунияти шахсӣ мафҳуми васеъ буда, озодии шахсӣ аз боздошти ғайриқонунӣ, маҳдуд сохтани ҳаракат, дахлнопазирии рӯҳӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Номус баҳодиҳии ҷамъиятии шахс, ченаки иҷтимоӣ ва маънавии сифатҳои инсон мебошад [32, с. 451]. Н.С. Бондар қайд мекунад, ки таъиноти асосии ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, аввалан, аз он иборат аст, ки онҳо ҳаёти инсониро кафолат медиҳанд ва ҳимояи онро аз ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ, муносибатҳои бераҳмона ва ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ, таъмин менамоянд; сониян, онҳо инсонро фардӣ мекунанд, ба ӯ кафолати дахлнопазирии шахсӣ ва дахолат накардан ба ҳаёти шахсӣ ва оилавиро таъмин мекунанд; сеюм, бо истифода аз ҳуқуқҳои шахсӣ озодии шахсӣ кафолат дода мешавад [15, с. 159].

Шаъну шараф ва дахлнопазирии шахсӣ яке аз муҳимтарин неъматҳои ғайримоддӣ ба ҳисоб рафта, эътироф ва ҳифзи онҳоро санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ муқаррар кардааст. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар оид ба эътироф ва ҳифзи шаъну шарафи инсон меъёрҳои зиёдеро пешбинӣ намудааст. Қадру қимат ва дахлнопазирии шахсӣ чунин арзишҳои маънавие мебошанд, ки ҳам дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва ҳам санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф ва ҳифз гардидаанд. Тавре Б.А. Сафарзода [29, с. 225-229] қайд менамоянд стандартҳои байналмилалӣ дахлнопазирии шахсият, манъи шиканҷа, муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ, мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсонро кафолат додаанд [29, с. 194]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар нисбат ба дахлнопазирии шахсӣ, қадру қимат ва шарафи инсон, ки ҳифзкунандаи эътибор ва шарафи инсонӣ мебошад таваҷҷуҳи хоса карда, онро дақиқан муқаррар кардааст [2, м. 3]. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас набояд таҳти азият ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад. Аз ҷумла, ягон шахс набояд бидуни ризоияти озодонаи ӯ таҳти таҷрибаҳои тиббӣ ё илмӣ қарор дода шавад [3, м. 7]. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ на танҳо шаъну шарафи шахсони озод, балки шаъну шарафи шахсони аз озодӣ маҳрумкарда шударо низ мавриди ҳифз қарор додааст. Мутобиқи он, шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба муомилаи инсондӯстона ва эҳтироми шарафи хоси инсонӣ ҳуқуқ доранд [3, м. 10]. Конвенсияи Иттиҳоди Давлаҳои Мустақил баҳри ҳифзи шаъну шарафи инсон муқаррар менамояд, ки ҳеҷ кас набояд дучори қину шиканҷа ё муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё худ паст задани шаъну эътибори ӯ ва ё ҷазо шавад. Ҳеҷ касро бе ризои озодонааш гирифтори таҷрибаи тиббӣ ё илмӣ кардан мумкин нест [4, м. 3]. Конвенсияи Аврупоӣ муқаррар месозад, ки ягон кас набояд ба шиканҷа ва бераҳмӣ ё муносибат ё ҷазои бераҳмона ё шаъну эътибори шахсро пасткунанда гирифтор шавад [5, м. 3]. Конвенсияи Америкоӣ ҳифзи шаъну эътибори инсонро дақиқтар муқаррар кардааст, ки ҳар як инсон ба эҳтироми дахлнопазирии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва маънавӣ ҳуқуқ дошта, шиканҷа ё ҷазо ва муносибати сахту бераҳмонае, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд манъ аст [6, м. 5]. Тавре аз мазмуни меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ бармеояд шаъну шараф ва дахлнопазирии шахсиро эътироф карда, ҳифзи онро муқаррар намудаанд.

Ҳифзи шаъну шарафи инсон дорои баъзе унсурҳои дигар мебошад, ки инҳо озодии шахсӣ, озодӣ аз асорат ва ғуломӣ, дахлнопазирии шахсӣ мебошанд. Дар ин хусус санадҳои

байналмилӣ озодӣ аз асорат ва манъи ғуломиро муқаррар карда, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсиро барои ҳар як инсон кафолат додаанд [2, м. 4; 3, м. 2, 8; 4, м. 4, 5; 5, м. 4; 6, м. 6, 7]. Мутобиқи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳеҷ кас набояд таҳти азият, муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шарафи ӯ қарор дода шавад [2, м. 5]. Суиқасд кардан ба шараф ва обрӯи ҳар як фардро Эъломияи умумии ҳуқуқи башар манъ карда аст [2, м. 12]. Махсусан моддаи яки санади мазкур аз лиҳози шарафу ҳуқуқ бо ҳам баробар будани инсонҳоро мустаҳкам намудааст [2, м. 1]. Оид ба масъалаи ҳифзи шаъну шараф дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар И.И. Саидзода қайд менамоянд, ки ҳарчанд, ки ин санад қувваи ҳатмӣ надошта бошад ҳам, яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим ва асосии дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, аз ҷониби давлатҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузории миллӣ истифода бурда мешавад. Маҳз ҳамин санад дар мубориза бо шиканҷа ва кафолат додани ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа дар арсаи байналхалӣ сарчашма мебошад [27, с. 146]. Муҳаққиқ дар ҷои дигар қайд менамояд, ки зимнан қайд кардан бо маврид аст, ки меъёрҳои муқарраршуда наметавонад ба пуррагӣ танзимкунандаи ҳамаи паҳлуҳои шиканҷа бошад. Аз ин рӯ, зарур шуд, ки баҳри ба танзим даровардани ин муносибат дар сатҳи байналмилалӣ санаде тартиб дода шавад, ки ҳамаи паҳлуҳои шиканҷаро дар бар гирад [26, с. 123-124]. Шиканҷа яке аз масъалаҳои ҳалталабе мебошад, ки боиси нигаронии кулли давлатҳо, созмонҳову ташкилотҳои байналмилалӣ ва умуман аҳли башар гардидааст. Шиканҷа дар аҳди қадим ба сифати як одати маъмулӣ табдил ёфта буд. Дар айни ҳол ин ҳуқуқ бинобар аҳамияти мубрам касб намуданаш, диққати тамоми ҷомеаи башариро ба худ ҷалб сохтааст. Мувофиқан, давлатҳои мутамаддин аз пайи кафолати татбиқ нагардидани он дар амалия саъй намуда истода, тадбирҳои зиёде андешидаанд [28, с. 63-64]. Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф яке аз санадҳои муҳими байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки сирф баҳри ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ равона карда шудааст. Конвенсияи мазкур ҳар як давлати узвро вазифадор кардааст, ки барои пешгирии амалҳои шиканҷа дар тамоми қаламрави дар доираи ҳуқуқии он қарордошта, тадбирҳои самарабахши қонунгузорӣ, маъмурӣ, судӣ ва ғайра бияндешад [7, м. 2].

Марвид ба зикр аст, ки ҳифзи шаъну шараф, дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ҷузъи таркибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаъну шараф ва номуси инсонро дахлнопазир эътроф карда, муқаррар менамояд, ки дахлнопазирии шахсро давлат кафолат дода, ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад, марвиди озмоиши маҷбурии илмӣ ва тиббӣ қарор додани инсон манъ аст [1, м. 5, 18]. Тавре М.З. Раҳимзода қайд менамоянд Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ба монанди ҳуқуқ ба шараф, қадр ва эътибори кории шаҳрвандро эътироф намуда, инчунин дар ҳолати вайрон намудан, онҳоро зери ҳимоя ва муҳофизати давлат қарор медиҳад [23, с. 29].

Санади дигаре, ки ҳифзи шаъну шарафи ва номуси инсонро ба таври махсус марвиди ҳифз қарор додааст - ин Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Кодекси ҷиноятӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ меъёрҳои зиёдеро муқаррар кардааст. Дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ҷабрдида ба зарари маънавӣ гирифтор мешавад, ки қонунгузории ҷиноятӣ бояд дар чунин сурат ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидаро аз зарари маънавӣ таъмин намояд. Ба андешаи А.И. Сафаров, қонунгузорро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи қонунгузории ҷиноятӣ на танҳо вазъи ҳуқуқии шахси ҷиноятсодирнамуда, инчунин ҳолати ҳуқуқии шахси дар натиҷаи содир намудани ҷиноят зарардида ба эътибор гирифта шавад. Маҳз имрӯз замоне фаро расидааст, ки дар баробари танзими

фаъолияти шахси ҷиноятсодирнамуда, қонунгузории ҷиноятӣ бояд манфиатҳои ҷабрдидаро низ то андозае ифода созад [30, с. 50]. Ш.Л. Холиқов қайд менамояд, дахлнопазирии шахс, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад [34, с. 3]. Кодекс як қатор меъёрҳоеро доро мебошад, ки ба ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳи меъёрҳо муқаррароти боби 17-и Кодекси ҷиноятӣ дохил мешавад, ки ба "Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият" бахшида шудааст. Меъёрҳои боби мазкур ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахсӣ дар натиҷаи одамрабоӣ (м. 130), хариду фурӯши одам (м. 130[1]), ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ (м. 131), ғайриқонунӣ ҷойгир намудан дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ (м. 133), маҷбуркунӣ (м. 134), Таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тӯҳмат кардан ба ӯ (м. 137), Таҳқири оммавии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ё тӯҳмат кардан ба ӯ (м. 137[1]) бахшида шудааст. Кирдорҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки бевосита ба шаъну шараф ва эътибори шахс зарар мерасонид кирдори туҳмат ва таҳқир буд, ки дар моддаҳои 135-136-и Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардида буданд. Вале мутаассифона меъёрҳои мазкур аз Кодекс тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2012, №844 хориҷ карда шудаанд. Фикр мекунам, ки хориҷ намудани ин меъёрҳо аз Кодекси ҷиноятӣ амали чандон дуруст набуда, хусусияти саросемавориро дошт, чун амалҳои вобаста ба тӯҳмат ва таҳқир барои шахс, ҷамъият ва давлат зарари назаррас расонида метавонад ва пешбинӣ намудани ин кирдорҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ зарур мебошад.

Яке аз кирдорҳои ҷиноятие, ки ба инсон зарари маънавӣ мерасонад ин шиканҷа, муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф мебошад. Мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шиканҷа гуфта, қасдан расонидани азобу укубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки ӯ ё шахси сеюм содир намдуааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, фаҳмида мешавад [8, м. 143[1]]. Тавре А.М. Диноршоев қайд мекунад, шиканҷа дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бо мақсади маҷбур кардани шаҳодат додан ё дигар амалҳои хилофи иродаи шахс, инчунин бо мақсади ҷазо ё бо мақсадҳои дигарро ифода мекунад [18, с. 114]. Шиканҷа амали қасдан ғайриинсонӣ мебошад, ки боиси ранҷу азобҳои хеле ҷиддӣ ва шадид мегардад. Муносибати ғайриинсонӣ расонидани ранҷи ҷисмонӣ ва рӯҳӣ аст. Муносибати таҳқиромези шаъну шараф ин муносибати бад аст, ки барои ба вуҷуд овардани эҳсоси тарс ва дард равона шудааст, ки метавонад онҳоро таҳқир ва шарманда кунад ва эҳтимолан муқовимати ҷисмонӣ ё равонии онҳоро бишканад [16, с. 133-136].

Бояд тазаккур дод, ки дар санадҳои байналмилалӣ мафҳуми "шиканҷа, муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф" якҷоя муқаррар карда шудааст. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, танҳо шиканҷаро ҷиноят эътироф кардааст, вале оид ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳеҷ муқаррароте пешбинӣ намекунад. Дар ин хусус муҳаққиқ Б.А. Сафарзода дуруст қайд менамояд, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми шиканҷа ва ҷазои ҷиноятӣ барои онро муқаррар кардааст, аммо нисбат ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф муқаррар накардааст [29, с. 229]. И.И. Саидзода низ дуруст қайд намудааст, ки дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ба мафҳуми шиканҷа дохил намешаванд. Бинобар ин, дарки фарқият миёни истилоҳи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона,

ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф зарур аст. Моддаи 16-и Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳкиркунандаи шаъну шараф давлатҳои аъзоро вазифадор намудааст, ки дар қаламрави худ дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро, ки мафҳуми шиканҷаи дар дар моддаи 1 пешбинишударо фаро намегирад, пешгирӣ намоянд [28, с. 65]. Муносибат ё ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф бадмуомилагие мебошад, ки дараҷаи вазнинии азобу уқубати ба онҳо расонидашуда нисбат ба шиканҷа пасттар аст [24, с. 67]. Шиканҷа назар ба муносибати бераҳмона ва пастзанандаи шаъну эътибор азоби вазнинтарро ба бор меорад. Мақсад аз татбиқи шиканҷа пайгири намудани мақсадҳои муайян мебошад, (масалан, гирифтани нишондод).

Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳифзи шаъну шарафи инсон накши калон дорад. Тавре О.Н. Романов қайд менамояд, масъалаи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ дар ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ аҳамияти муҳим дорад [25, с. 3]. Кодекси мурофиавии гражданӣ [11] дар моддаи 59 ҳифзи шаъну шараф, қадру номус ва эътибори кории инсонро муқаррар кардааст. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] низ дар баробари дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бахри ҳифзи шаъну шарафи инсон муқарраротҳои зиёде пешбинӣ намудааст. И.А. Одинаев бисёр бомаврид қайд кардааст, ки натиҷабахшии мурофиаи ҷиноятӣ дар риоя кардани принсипҳои мурофиавии муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ифода мегардад. Махсусан, шаъну шарафи шахсият, дахлнопазирии шахсият, эҳтимолияти бегуноҳӣ, таъмини ҳуқуқи гумонбаршаванда ва гунаҳгор ба ҳимоя [21, с. 55]. Муҳаққиқ дар ҷои дигар қайд менамояд, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаматарафа ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсро ҳифз менамояд [26, с. 163]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ чунин муқарраротҳоро пешбинӣ кардааст: эҳтиром ва ҳифзи шаъну шарафи шахс ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ (м. 10), дахлнопазирии шахсият (м. 11), ҳифзи шаъну эътибори иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (м. 12) ва ғайра.

Масъалаи ҳифзи шаъну шарафи инсон дар қонунгузории гражданӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори шахсӣ, шаъну шараф, масунияти шахсӣ ва номуси инсонро ҳамчун неъматҳои олии ғайримоддӣ дар моддаи 170 муқаррар карда [10], моддаи 174-ро пурра ба масъалаи ҳифзи шаъну эътибори шахс бахшидааст. Аз ҷумла, дар моддаи 174 муқаррар шудааст, ки агар шахси паҳнкардаи маълумоте, ки шаъну шараф ё эътибори кории шаҳрвандро паст мезананд, дурустии чунин маълумотро ба исбот нарасонад, шаҳрванд ҳақ дорад аз тариқи суд раддияи чунин маълумотро талаб кунад. Моддаи $174^1$ бошад, ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории инсонро ҳангоми тӯҳмат ва таҳқир муқаррар менамояд. Мутобиқи он Шаъну шараф ва эътибори корӣ ҳангоми тӯҳмат, яъне дидаю دониста паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, ки шаъну шараф ва эътибори шахси дигарро паст мезанад ё таҳқир, яъне беадабона бо алфози қабеҳ паст задани шаъну шараф ва эътибори шахси дигар тибқи талаботи моддаҳои 170, 171 ва 174 Кодекси мазкур ҳифз карда мешаванд. М.З. Раҳимзода дуруст қайд намудаанд, ки ҳар шахсе, ки ҳуқуқ, шараф, қадр ва эътибори кориаш паст зада шудааст, барои барқарор намудани онҳо ҳақ ба «ҳифзи ҳуқуқ» дорад. Яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқе, ки дар моддаи 12 Кодекси гражданӣ пешбинӣ карда шудааст, ҷуброни зарари маънавӣ мебошад, ки ҳангоми паст задани шараф, қадр ва эътибори корӣ руёнида мешавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки аз ҳама бештар маълумоти асоснок ва беасос пастзанандаи шараф, қадр ва эътибори корӣ бо таври умумӣ бо воситаи ахбори омма паҳн карда мешавад [23, с. 29]. Тибқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 23 декабри соли 2011 бо тағйиру иловаҳои аз 12 июни соли 2014

воридгардида «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» маълумоти пастзананда ҳамон маълумоте дониста мешавад, ки дар он тасдиқи аз тарафи шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ вайрон кардани қонунгузории амалкунанда, содир намудани кирдори ношоиста, рафтори нодуруст, ғайриахлоқӣ дар ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ё сиёсӣ, вайрон намудани меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ахлоқӣ ва қоидаҳои одоби корӣ, ки шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрванд ё шахси ҳуқуқиро паст мезананд, ҷой дошта бошанд [19, с. 80]. Дар ҳолатҳои зикршуда мумкин аст ба шахс азоби ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонида шавад, ки он метавонад асос барои ҷуброни зарари маънавӣ аз тарафи зараррасида гардад [23, с. 29-30].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ маълум гардид, ки эътироф ва ҳифзи шаъну шараф ва эътибори инсон ҷузъи таркибии қонунгузории миллӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳад. Ҳам дар санадҳои байналмилалӣ ва ҳам дар қонунгузории кишвар нисбат ба шаъну шараф ва эътибори инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Аммо, ҳифзи шаъну шарафи инсон бо қонунгузории ҷиноятӣ нисбатан беҳтар буд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон декриминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир ҳанӯз бармаҳал аст. Шаҳрвандони мо ҳанӯз омода нестанд, ки ҳуқуқу озодиҳои худро бе воситашавии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ худашон мустақилона ҳифз намоянд. Аз тарафи дигар содда кардани ҷавобгарӣ барои туҳмат ва таҳқир боиси афзудани пастзании шаъну шарафи инсон мегардад. Аксарияти кишварҳои ба мо ҳамсоя ва ҳамминтақа (ба монанди Россия, Узбекистон, Хитой, Туркменистон, Озарбойҷон, Беларуссия ва ғ.) барои содир кардани туҳмат ва таҳқир, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардаанд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки барои туҳмат ва таҳқир такроран криминализатсия карда шавад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 32 с.*
2. *Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 6 с.*
3. *Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 19 с.*
4. *Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз 26 майи соли 1995. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://cis.minsk.by/page/ (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 13 с.*
5. *Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳифзи инсон ва озодиҳои асосӣ аз 4 ноябри соли 1950. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.echr.coe.int/ (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 34 с.*
6. *Конвенсияи Америкоӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз 22 ноябри соли 1969. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http:///online.zakon.kz санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 22 с.*
7. *Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз 10 декабри соли 1984. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 14 с.*
8. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, № 574. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 168 с.*

9. *Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 132 с.*
10. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. аз 30 июни соли 1999, № 802. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 108 с.*
11. *Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, № 341. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021). – 96 с.*
12. *Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.*
13. *Азизов У. А. Защита жизни, здоровья, чести и достоинства человека в правовой системе зороастризма // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷаллаи илмӣ амалӣ. – 2016. – №3 (03). – С. 50-56.*
14. *Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз туҳмат ва таҳқир дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №5. – С. 254-262.*
15. *Бондарь Н.С. Права человека и Конституция России. – Ростов-на-Дону, 1996. – 240 с.*
16. *Гомьен Д., Харрис Д., Зваак Л. Европейская Конвенция о правах человека и Европейская социальная хартия: право и практика. – Москва, 1998. – 598 с.*
17. *Даль В. Толковый словарь великорусского языка / В. Даль. - Москва, 1955. Т. I-IV.*
18. *Диноршоев А.М. Права человека. – Душанбе, 2010. – 334 с.*
19. *Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳукуқӣ \\ Қонунгузорӣ. – 2015. – № 2. – С. 80.*
20. *Медведев Е.В. Сравнительно-правовые аспекты законодательного регулирования ответственности за клевету // Вектор науки ТГУ. – 2009. – № 2(5). – С. 92.*
21. *Одинаев И.А. Последствия применения уголовно-процессуального задержания в досудебном производстве Российской Федерации и Республики Таджикистан для лица, подвергшегося данной меры принуждения, в контексте соблюдения конституционных прав человека и гражданина в уголовном процессе // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2018. – № 3 (79). – С. 55.*
22. *Одинаев И.А. Процессуальные гарантии защиты прав и законных интересов лица, задержанного по подозрению в совершении преступления, по законодательству Республики Таджикистан. Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – № 4 (40). – С. 163.*
23. *Раҳимзода М.З. Ҷуброни зарари маънавӣ ҳангоми паст задани шараф, қадр ва эътибори корӣ. Законодательство. – 2016. – № 3 (23). – С. 29-34.*
24. *Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ ба иҷрои қонунгузорӣ дар бораи пешгирӣ, ошкор ва тафтиш намудани шиканҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 67.*
25. *Романова, О.Н. Защита чести, достоинства и деловой репутации в общих и хозяйственных судах / О.Н. Романова. – Минск: Амалфея, 2007. – 186 с.*
26. *Саидов И.И. Имплементатсияи меъёрҳои Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ (дар мисоли ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа) / И.И. Саидов // Имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқ байналхалқӣ дар қисми умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводҳои конфрос. – Душанбе: 2012. – С.123-124.*

27. *Саидзода И.И., Давлятов С.Ҳ. Нақши санадҳои байналмилалӣ дар барҳам додани шиканҷа. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷаллаи илмӣ амалӣ. – 2020, №3 (19). – С. 142-151.*
28. *Саидзода И.И., Зиёвадинов И.И., Раҳимов Р.Р. Истифодаи шиканҷа ва хатарҳои он. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон // Маҷаллаи илмӣ амалӣ. – 2020, №2 (18). – С. 62-71.*
29. *Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и современность. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 324 с.*
30. *Сафаров А.И. Оид ба баъзе паҳлуҳои мафҳуми ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавиии ҷиноятӣ //Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2013, №3 (03). – С. 49-55.*
31. *Тагайназаров Ш.Т., Бабаджанов И.Х. К теории личных неимущественных прав // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2018. – №4 (24). – С. 209-214.*
32. *Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.*
33. *Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная: учебник / под общ. ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина и С.В. Максимова. – Москва: Юриспруденция, 1999. – С. 784 с.*
34. *Халиков Ш.Л. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 28 с.*
35. *Юсифова Т.Р. Клевета как объект уголовно-правовой охраны. Научные изыскания молодежи в эпоху информатизации и глобализации: сборник научных трудов по материалам I Международной научно-практической молодежной конференции 31 марта января 2017 г. – Оренбург: Научно-издательский центр «Открытое знание», 2017. – С. 29-37.*

### *Reference Literature:*

1. *The Constitution of the Republic of Tajikistan from November 6, 1994 with amendments and addenda from September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. [Electronic resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 32 pp.*
2. *Universal Declaration of Human Rights December 10, 1948. [Electronic resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). – 6pp.*
3. *International Covenant on Natural and Political Rights of December 16, 1966. [Electronic Resources]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 19 pp.*
4. *Commonwealth of Independent States Convention on Human Rights and Freedoms from May 26, 1995. [Electronic resource]. Access Source: URL: https://cis.minsk.by/page/ (application date: 13.08.2021). - 13 pp.*
5. *European Convention for the Protection of Human Rights and Fundamental Freedoms of 4 November 1950. [Electronic Resources]. Access Source: URL: https://www.echr.coe.int/ (application date: 13.08.2021). – 34p p.*
6. *American Convention on Human Rights from November 22, 1969. [Electronic resource]. Access source: URL: http: ///online.zakon.kz application date: 13.08.2021). - 22 pp.*
7. *Convention against Tortures and other Cruel, Inhuman or Degrading Treatment or Panelty from December 10, 1984. [Electronic resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 14 pp.*
8. *Criminal Code of the Republic of Tajikistan from May 21, 1998, № 574. [Electronic resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 168 pp.*
9. *Criminal Procedural Code of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009, № 564. [Electronic resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 132 pp.*

10. *Civil Code of the Republic of Tajikistan. Part 1. from 30 June 1999, № 802. [Electronic Resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 108 pp.*
11. *The Code of Civil Procedures of the Republic of Tajikistan from January 5, 2008, № 341. [Electronic resource]. Access Source: URL: http://mmk.tj (application date: 13.08.2021). - 96 pp.*
12. *Azizov U.A. Evolution of Crime and Penalty Institutions on the Territory of Historic and Contemporary Tajikistan: Historical and Legal Research: monograph / [Editor in charge: F.T. Tahirov]. - Dushanbe: Nightingale-R, 2015. - 368 pp.*
13. *Azizov U.A. Protection of Life, Health, Honor and Dignity of Man in the Legal System of Zoroastrianism. State Studies and Human Rights // Journal of Applied Science. - 2016, №3 (03). - pp. 50-56.*
14. *Azizzoda U.A., Bobokhonov F.A. Advocasy of Human Rights from Slander and Insult in the Zoroastrian Legal System // Message of the Tajik National University / Socio-Economic and Social Sciences. - 2020, №5. - pp. 254-262.*
15. *Bondar N.S. Human Rights and the Constitution of Russia. – Rostov-on-Don, 1996. - 240 pp.*
16. *Gomien D., Harris D., Zwaak L. European Convention on the Rights of Man and European Social Charter: Law and Practice. - M., 1998. - 598 pp.*
17. *Dal V. Explanatory Dictionary of the Great Russian Language / V. Dal. M., 1955. T. I-IV.*
18. *Dinorshoev A.M. Human rights. - Dushanbe, 2010. - 334 pp.*
19. *Resolution of the Supreme Court Plenum of the Republic of Tajikistan "On application by Courts of Legislation on Protection of Honor and Dignity of Citizens and Legal Entities by Courts \\ Legislation, 2015, № 2. - P. 80.*
20. *Medvedev Ye.V. Comparative and Legal Aspects of Legislative Regulation of Answeribality for Libel // Science Vector of TSU. - № 2 (5) 2009, №2 - P. 92.*
21. *Odinaev I.A. The Aftermath of Application of Criminal-Procedural Delay before Judicial Procedures in Russian Federation and Tajikistan Republic for a Person Subjected to this Coersion Measure in the Context of Observance of Man's and Citizen's Rights before Court Hearings. – 2018, № 3 (79). - P. 55.*
22. *Odinaev I.A. Procedural guarantees for the protection of the rights and legitimate interests of the person detained on suspicion of committing a crime under the legislation of the Republic of Tajikistan. Work of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. - № 4 (40), 2018. - P. 163.*
23. *Rahimzoda M.Z. Compensation for Moral Damage in Case of Degradation of Honor, Dignity and Business Reputation. Legislation. - 2016, № 3 (23). - pp. 29-34.*
24. *Rahmon Yu.A. Procurator's Control over Implementation of Legislation on Prevention, Detection and Investigation of Torture in the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2019. - P. 67.*
25. *Romanova O.N. Protection of Honor, Dignity and Business Reputation in General and Economic Courts / O.N. Romanova. - Minsk: Amalfeya, 2007. - 186 pp.*
26. *Saidov I.I. Implementation of the Norms of the International Covenant on Personal and Political Rights in Criminal Law (for example, the right to life, freedom from torture) / I.I. Saidov // Implementation of the Norms of International Law in General and Special Parts of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Conference materials. - Dushanbe: 2012. - pp.123-124.*
27. *Saidzoda I.I., Davlyatov SH. The Role of International Instruments in Assation with Tortures. State Studies and Human Rights // Journal of Applied Science. - 2020, №3 (19). - pp. 142-151.*
28. *Saidzoda I.I., Ziyovadinov I.I., Rakhimov R.R. The Use of Torture and its Dangers. State Studies and Human Rights // Journal of Applied Science. - 2020, №2 (18). - pp. 62-71.*
29. *Safarzoda B.A. International Standards in the Field of Human Rights: History and Contemporaneity. - Dushanbe: "ER-Graf", 2016. – 324 pp.*

30. *Safarov A.I. On some Aspects of the Concept of Victim in Criminal Law and Judicial Procedures Law. // Legal Life. - 2013, №3 (03). - pp. 49-55.*
31. *Tagainazarov Sh.T., Babadjanov I.Kh. To the Theory of Personal Non-Property Rights // Legal Life. - 2018, №4 (24). - pp. 209-214.*
32. *Interpretation of the Civil Code of the Republic of Tajikistan (part one). - Dushanbe, "ER-Graf", 2010. - 1000 pp.*
33. *Criminal Law: General Part. Especial Part: textbook / Under the editorship of L.D. Gauhman, L.M. Kolodkin and SV Maximov. M .: Jurisprudence, 1999. - 784 pp.*
34. *Khalikov Sh.L. Criminal Liability for Intentional Infliction of Grievous Bodily Harm in Accordance with the Legislation of the Republic of Tajikistan. Synopsis of candidate dissertation in jurisprudence. - Dushanbe - 2017. - 28 pp.*
35. *Yusufova T.R. Libel as an Object of Judicial-Legal Guard. Scientific Researches of Youth in the Epoch of Informatization and Globalization. Collection of scientific researches on the materials of the International scientifico-practical conference for adolcsents. March 31, 2017. Orenburg. Scientific-publishing Centre "Open Knowledge". 2017. – pp. 29-37*